# 2 НАФАР БО МУКОФОТИ ОЛИИ ДАВЛАТӢ ҚАДРШИНОСӢ ГАРДИД

Тавре, ки медонем 25-уми августи соли равон дар Қасри миллат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни фархундаи 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияташон натиҷаҳои шоистаи таҳсин доранд, мукофоти олии давлатӣ ва ҷоизаву унвонҳои фахрӣ супориданд.

Боиси хушнидӣ аст, ки дар қатори кормандони дигар соҳаҳо, намояндагони соҳаи маориф ва илм низ бо унвонҳои фахрӣ ва дигар мукофоти давлатӣ қадр шуданд.

5-уми сентябр зимни як ҳамоиши тантанавӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони соҳа аз ҷумла, ба ду нафар кормандони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Имомназаров Давлатназар - муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ ва Бобоева Маҳина - мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ медали «Хизмати шоиста» аз ҷониби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) мухтарам Дилрабо Мансурӣ ва вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар вазъияти тантанавӣ супорида шуд.



